«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Шарифзода Ф. Х. ______________
«31» ______января______ 2023

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АМИТ

Диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»))» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо қарори №5 (протоколи №4), аз 21.09.2015 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ суратҷаласаи № 13/22, аз 22.11.2022 ва дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон протоколи №1, аз 27.01.2023 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба ҳимоя тавсия гардидааст.

Дар баррасии Шурои олимони Институт, сараввал, диссертант Рузиев Меҳрубон Миралиевич оид ба муҳтавои асосии диссертатсия маъруза намуда, ба саволҳои доктори илми филология С. Назарзода ва номзади илми филология Ш. Муҳаммадиев ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Сипас, муқаррizi холиси якум – доктори илми филология, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Назарзода Сайфиддин суханронӣ намуда, таъкид кард, ки диссертатсияи Рузиев Меҳрубон аз он ҷиҳат ҷолиб дониста мешавад, ки он дар асоси таҳқиқоти назарии шевашиносии муосир ва дигар манбаъҳои арзишманди илмӣ таҳия гардида, дар пажуҳиши масъалаҳои мубрам методҳои маъмул ва мустаъмали таҳқиқоти илмӣ мавриди корбарӣ қарор дода шудаанд.

Диссертатсия бо забони меъёр ва фаҳмои илмӣ таълиф гардида, муқоиса ва бандубасти маводи мавриди таҳқиқ дар бобҳо ва фаслҳо мантиқан мураттаб ва пайдарҳам бо таҳлили ҷолиб оварда шудааст.

Дар диссертатсия баъзе камбудҳои ҷузъие мушоҳида мешаванд, ки дараҷаи илмию назарии таҳқиқро коҳиш намедиҳанд, вале ислоҳи онҳо аз фоида холӣ нест:

1. Бахши «Мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти мухтасари таърихии ноҳия (баъд аз «Сарсухан» с.15-22) зиёдатӣ буда, бояд дар дохили бобҳо дода шавад.

2. Дар боби III пажуҳиши вожагонӣ бо таҳқиқи сарфӣ омехта шудааст.

3. Дар ҳамин боб иқтибосҳо ё вомгирии забонӣ бо қабатҳои вожагонӣ якҷо омадааст.

4. Аз ҳисоби ихтисор кардани бобҳои I ва II метавон таҳқиқи боби III-ро ба се бахш (1.Масъалаҳои вомгирӣ, 2.Қабатҳои маъноӣ ва 3.Таҳқиқи сохторӣ) ҷудо кард.

5. Иштибоҳоти имлоӣ ва техникӣ ислоҳ шаванд.

Дар хулоса, Назарзода Сайфиддин иброз дошт, ки диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия карда мешавад.

Тақризи муқарризи холиси дуюм – номзади илми филология, декани факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодиев Рустамро ходими хурди илмии шуъбаи фолклор Каримова Ҳилола қироат кард. Муқарриз Шодиев Рустам қайд намудааст, ки омӯзиш ва пажуҳиши луғоти марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла лаҳҷаи мардуми Варзоб яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ буда, забони адабии тоҷикиро ҳам аз нигоҳи таркиби луғавӣ ва ҳам аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ғанӣ мегардонад.

Диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич нахустин таҳқиқоти муфассалу мукаммал дар самти пажуҳиши лексикаи марбут ба соҳаи ҳайвоноти хонагӣ, дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб ба шумор меравад.

Дар матни диссертатсия баъзе камбудҳое ба назар мерасанд, ки арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад:

1. Сарчашмаҳо дар дохили диссертатсия тибқи талаботи нав дода нашудаанд.

2. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

3. Дар мундариҷаи диссертатсия саҳифаҳо дуруст нишон дода нашудаанд.

Хулоса, Шодиев Рустам диссертатсияро кори илмии анҷомёфта шуморида, онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия намудааст.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гузориши муқарризи холис – доктори илми филология Назарзода Сайфиддин, тақризи мусбати номзади илми филология Шодиев Рустам, гузориши диссертант, натиҷаи саволу ҷавоб ва баррасии диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич Шурои олимони Институт оид ба ҳусну қубҳи диссертатсия ба чунин **хулоса** омад:

Диссертатсия ба мавзуи хеле муҳим ва камомӯхтаи илми забоншиносӣ бахшида шуда, тавре унвонҷӯ таъкид намуд, таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва ташаккули калимаю ибораҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») ва муқоисаи он бо забонҳои қадим, миёна ва муосир, махсусан, бо забони адабии тоҷикӣ ва шеваҳои он **мақсади асосии таҳқиқ** мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқ ҳалли масъалаҳои зерин, ки чун вазифаҳои асосии таҳқиқ шуморида мешаванд, зарур ва муҳим мебошад:

- ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии вожаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ;
- баррасии хусусиятҳои луғавии калимаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ;
- нишон додани сабабҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихии пайдоиши иқтибосот ва мавқеи онҳо дар таркиби калимаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ;
- баррасии хусусиятҳои маъноии калимаҳои мансуб ба ҳайвоноти хонагӣ;
- таҳқиқи сохтории вожагони мансуб ба ҳайвоноти хонагӣ;
- муайян сохтани мавқеи лексемаҳои соҳаи ҳайвоноти хонагӣ дар миёни дигар қабатҳои луғавӣ ва таъсиру муносибати онҳо ба анъанаҳои мардум, ки аз ҷанбаи этнолингвистии онҳо бармеояд.

Зимни баррасии ҳадафҳои дар пеш гузошташуда усулҳои гуногуни забоншиносии муосир, аз ҷумла усули тасвирӣ-синхронӣ истифода гардида, дар мавридҳои зарурӣ зимни таҳлили луғавию маъноӣ ва сохторию грамматикӣ усулҳои таҳқиқоти диахронӣ, усулҳои забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, тафсирӣ, типологӣ ва этнолингвистию сотсиолингвистӣ истифода гардидааст.

Доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ 10 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Раҳматуллозода, С., Рузиев, М. Таҳлили сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб [Матн] / С. Раҳматуллозода, М. Рузиев // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 5-16.

[2-М]. Рузиев, М. Назаре ба дараҷаи омӯзиши лаҳҷаҳои Варзоб ва муносибати он бо лексикаи чорводорӣ [Матн] / М. Рузиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/3 (203). – С. 110-115.

[3-М]. Рузиев, М. Вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хонагӣ дар лаҳҷаи Варзоб [Матн] / М. Рузиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 68-71.

[4-М]. Рузиев, М. Хусусиятҳои луғавии калимаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар заминаи маводи гӯйиши мардуми Варзоб) [Матн] / М. Рузиев // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 34-44.

[5-М]. Рузиев, М. Калимаҳои иқтибосии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») [Матн] / М. Рузиев // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 93-100.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии таҳқиқ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ, аз қабили конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди забони модарӣ» (Душанбе, 18-уми феврали соли 2022), конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, 15-уми июни соли 2022), конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Эмомалӣ Раҳмон: эҳёи худшиносӣ ва эъмори давлатдорӣ» (Хуҷанд, 11-14-уми ноябри соли 2022) ироа гардидааст.

Барои расидан ба ҳадафҳои таҳқиқ муаллиф ба дастовардҳои илмӣ-назарӣ ва амалии забоншиносони шинохтаи ватаниву хориҷии риштаи забоншиносӣ, аз қабили Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймиддинов, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, Н. Шарофов, М. Муҳаммадиев, Ғ. Ҷӯраев, М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидзода, Ш.Исмоилов, С. Мирзоев, Ш. Бобомуродов, А. Муминов, Г. Мирзоев, А. Мирбобоев, Ҳ. Бердиқулов, Г. Ниматов, Ф. Амонова, А. Зоҳидов, С. Алиев, Ҳ.Талбакова, Л. А. Новиков, И. М. Оранский, Л. С. Пейсиков, Н. М. Шанский, В. В. Виноградов, В. В. Лопатин, Е. А. Земская, А. Л. Хромов, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, А. Н. Кисляков, А. П. Колпаков, М. С. Андреев, Р. Л. Неменова, Е. М. Пешерева, А. П. Трубачёв ва дигарон такя намуда, аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

**Навовариҳои илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки ҳарчанд оид ба этнография, таърих, ҷуғрофия ва дигар масоили марбут ба сокинони Варзоб баъзе қайдҳо мавҷуд бошанд ҳам, вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар гӯйиши мардуми ин минтақа бори аввал таҳқиқ гардидааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ**ро натиҷаҳои бадастомада ташкил медиҳанд. Яке аз чунин натиҷаҳо ин бунёди як чаҳорчӯбаи муайян дар таҳқиқу баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ ва ба системаи муайяне, ки хоси пажуҳиши мазкур аст даровардани маводи мавриди таҳқиқ мебошад, ки метавонад барои таҳқиқи минбаъдаи ин қабати вожагони лаҳҷаҳои тоҷикӣ чун заминаи бунёдиву усулӣ хизмат намояд. Дар диссертатсия умдатарин масоили назарии марбут ба вожагон, роҳҳои иқтибосшавӣ, ҷанбаҳои маъноӣ ва калимасозӣ баррасӣ гардида, дахл кардан ба ҷанбаҳои назарии калимаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ аҳаммияти назарии таҳқиқро мустаҳкам намудааст. Матолиби назарии дар диссертатсия баррасигардида, метавонад барои таҳқиқи минбаъдаи марбут ба назарияи забони адабӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ чун манбаи назарӣ кумак расонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ**ро истифодаи натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқ ҳангоми иҷрои корҳои зерин ташкил медиҳад:

-таҳлилу ҳалли масоили мухталифи забони адабӣ ва бахши шевашиносӣ, ки дар диссертатсия баррасӣ гардидааст;

-тадриси курси «забони адабӣ», бахусус қисматҳои «лексикология», «калимасозӣ», «маъношиносӣ», «таърихи ташаккули вожагони забони адабӣ», курси «шевашиносӣ» ва ғайра;

-таҳияи китобҳои дарсиву дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои шевагӣ.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд.

Хулоса, Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ бо қарори №1 аз 27.01.2023 кори диссертатсионии Рузиев Меҳрубон Миралиевичро кори илмӣ-таҳқиқотии муҳимму арзишманд ва комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати он ба талаботи таълифи корҳои илмӣ, Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Шурои олимони Институт дар асоси тақризи мусбат ва гузориши муқарризи холиси якум – доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ С. Назарзода ва тақризи мусбати муқарризи холиси дуюм – номзади илми филология Р. Шодиев диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевичро дар мавзуи **«Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)»** ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи

илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Институт қабул гардид.

Иштирок доштанд: 15 нафар аъзои Шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи № 1, аз 27.01.2023.

Раиси Шурои олимон,
доктори илми филология
тел: (+992) 918-62-46-54
почтаи эл.: farangis70@mail.ru Шарифзода Ф.Х.

**Муқарризони холис:**
доктори илми филология, узви
вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи
фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
тел: (+992) 93-905-85-47
почтаи эл.: snazarzoda56@mail.ru Назарзода С.

номзади илми филология, декани
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
тел: (+992) 919-27-07-91.
почтаи эл.: shodirys@mail.ru Шодиев Р.

Котиби Шуро
тел: (+992) 98-521-00-06
почтаи эл.: sun1989@list.ru Муҳаммадхоҷаева Р.

Имзои Ф. Х. Шарифзода, Р. Муҳаммадхоҷаева
ва С. Назарзодаро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадри Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Имзои Р. Шодиевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

«31» январи соли 2023.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221-70-30,
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru, http://www.iza.tj